Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати дисертатсияи Назаров Муродали Солиҳович дар мавзӯи “Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф дар шароити имрӯза рӯз аз рӯз ба худ аҳамияти хосаро касб намуда, зарурати ҷомеа ба он зиёд мегардад. Муаллиф бо дарки масъалаҳои муҳими соҳа як таҳқиқоти комилро рохандозӣ намуда, ба масъалаҳои тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагӣ ва муаммоҳои зиёди дар ин самт ҷойдошта таҳлилу таҳқиқоти пурраро рӯи кор овардааст.

Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлили методологияи мавҷудаи муайянсозии сатҳи зиндаии аҳолӣ ва сифати он алгоритми муайян коркард карда шуд, ки имкон медиҳад бо назардошти хусусияти кишвар дар доираи минтақа низ амал кунад. Яъне дар агоритм истисноиҳои муайян ба сифати филтр истифода мешаванд, ки имкон медиҳад хусусияти минтақа ба инобат гирифта шавад (саҳ.4).

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ бахшида шудаанд.

Муаллиф зимни таҳлилҳои худ муайян кардааст,кі яке аз муҳимтарин манбаъҳои даромади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнат мебошад. Агар соли 2011 ҳиссаи музди меҳнат дар даромади умумӣ 42,6 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2013 он аллакай 44,01 фоизро ташкил дод. Бояд қайд намуд, ки соли 2021 ҳиссаи музди меҳнат дар даромади аҳолии Тоҷикистон ҳамагӣ 46,11 фоизро ташкил дод, вале бо вуҷуди афзудани ҳиссаи музди меҳнат дар даромад қобилияти харидорӣ коҳиш ёфта истодааст. Масалан дар соли 2015 ба маоши миёнаи моҳона 5,2 маҷмуи минималии барои зиндагӣ муҳимро харидорӣ кардан мумкин бошад, дар соли 2018 бо ин маблағ бештар аз 3,5 ва дар соли 2021 ҳамагӣ 2,6 фоизро харидорӣ кардан мумкин буд(саҳ.16).

Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмии дар самти тафриқабандии сатҳ ва сифати зиндагии аҳоли, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи сиёсати минтақавии давлат шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси пурра амалӣ намудани имкониятҳои иқтисодию беҳтаргардонии шароити экологӣ нигаронида шудаанд.

Диссертант бо дар натиҷаи омӯзиши адабиёти гуногуни хориҷию ватанӣ моделҳои консептуалии гуногунро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда тартиб дода, аҳамияти илмии онро шарҳ додааст.

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчунин баъзе камбудиҳо дар автореферат мавҷуд аст:

1. Новобаста аз оне, ки объекти таҳқиқотии кори илмии мазкур дар мисоли минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ оварда шудааст, агар хубтару беҳтар мебуд дар автореферат таҷрибаи баъзе кишварҳои тараққикардаи дунё оварда шуда, кадом таҷрибаи пешқадами онро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан мумкин аст, асоснок ва пешниҳод мегардид;
2. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои услубӣ ва техникӣ дида мешавад.

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки бо назардошти мулоҳизаҳои илман асосноки муҳаққиқ, ба роҳ мондани таҳлил ва баррасии вижагиҳои тафриқабандии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар вилояти Хатлон дар автореферати диссертатсия нишон додааст.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори диссертатсионии пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбат ба таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшаванда баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ, тамоми бандҳои муқарраршуда оид ба додани дараҷаи илмие, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудаст, ҷавобгӯ буда, ба Назаров Муродалӣ Солеҳович дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети иқтисодиёт ва молияи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Сатторов А.А.

Имзои Сатторов А.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ — Бухориев Н.А.

**Суроғаи донишгоҳ:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Карабоев 63/3,
Телефон: +992(37) 234-79-88
Факс: +992(37) 234-79-88
E-mail: rectorat-favri-tut@mail.ru
Сомона: https:// www. tut.tj/